*“Маориф ва маданият”,*
*28 марти* 1964, *с.* 3.

## Асарҳои адабиётшиносии Садриддин Айнӣ

Илми адабиётшиносии советии тоҷикро бе симои Садриддин Айнӣ тасаввур кардан амри маҳол аст. Устод С. Айнӣ аз рӯзҳои аввали Ҳокимияти Советӣ сар карда, доир ба масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик як қатор мақолаву рисола ва монографияҳо офарид, ки ҳамаи онҳо бешубҳа, қимати калони илмӣ-адабӣ доранд.

Ба ин қарибӣ китоби якуми ҷилди 11-уми “Куллиёт”, дастраси толибони каломи устод Айнӣ гашт.[1]

Ҳайати таҳририяи «Куллиёт»-и устод С. Айнӣ қарор дода буд (“Куллиёт”, ҷилди 1, саҳ. 6), ки осори илмӣ-адабии оид ба адабиётшиносӣ, мақолаҳои дар бораи забон ва санъат навиштаи устод Садриддин Айниро дар ҷилди 11-уми «Куллиёт»-и ӯ гирд оварад. Ба сабаби дар ин соҳа зиёд будани асарҳои устод ҳайати таҳририя ҷилди 11-ро ба ду китоб тақсим намудааст.

Дар китоби якуми ҷилди 11, як қатор мақола, сарсухан, рисола ва монографияҳои устод С. Айнӣ, ба монанди «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» (саҳ. 7-50), «Шайхурраис Абуалӣ Сино» (саҳ. 51-88), шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ (саҳ. 89-128). «Устод Рӯдакӣ» (саҳ. 129-163), «Алишер Навоӣ» (саҳ. 265-484) дарҷ гардидаанд.

Асарҳои мазкури С. Айнӣ дар ривоҷи илми адабиётшиносии тоҷик роли бузурге бозидаанд ва ҳоло низ аҳамияти калони илмӣ доранд. Устод С. Айнӣ тарҷимаи ҳоли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Алишер Навоӣ ва ғайраро дар асоси маъхазҳои сершумори адабӣ ва таърихӣ то

[1] Садриддин Айнӣ, Куллиёт, ҷилди 11, китоби якум, Душанбе, 1963, 506 саҳ., 3000 нусха.

андозае муайян менамояд: лаҳзаҳои мавҳуми ҳаёт ва замони онанро дар асоси сарчашмаҳои адабӣ-таърихӣ ва осори худи онҳо равшан мекунад. Дар ҳамин ҷо ин хусусияти ниҳоят муҳимми устод С. Айниро қайд накардан мумкин нест. Ҳамаи асарҳои илмӣ-адабии устод чунон содда, чунон оммафаҳманд, ки хонанда онро ба зудӣ дарк менамояд ва он аз лавҳи хотираш ҳаргиз фаромӯш намегардад. Ин бошад, маҳорати беҳамтои устодро бараллo намоиш медиҳад.

Дуруст аст, баъзе лаҳзаҳои ҷудогона, чунон ки ба ин худи устод низ ишораҳо кардааст, дар ҳамон вақт баҳсталаб буданд. Ҳоло адабиётшиносони тоҷик қисми чунин нуктаҳои торикро равшан кардаанд. Аммо баъзеи онҳо ҳоло ҳам тадқиқоти ҷиддиро мунтазиранд. Аз ҷумла, ашъори тоҷикии Навоӣ (Фонӣ)-ро қайд карданием.

Ҳамон навъе, ки устод с. Айнӣ дар мақолаи Алишер Навоӣ ва адабиёти тоҷик (маҷмуаи «Улуғ узбек шоири», Тошканд, 1948; саҳ. 207, 211) мегӯяд ва мураттибони «Куллиёт» (К. Айнӣ ва Р. Ҳодизода) қайд менамоянд (саҳ. 500), ҳамаи шеърҳое, ки ба Навоӣ-Фонӣ нисбат медиҳанд, комилан азони Навоӣ нестанд. Дар ҳақиқат, бисьёр ашъори Мирзо Мӯҳсини Кашмирӣ мутахаллис ба «Фонӣ» бо шеърҳои Навоӣ-Фонӣ махлут гардиданд ва аз ҳамин сабаб дар қисмати иловаҳои монографияи “Алишер Навоӣ”-и устод С. Айнӣ низ баъзе шеърҳои Мирзо Мӯҳсини Фонии Кашмирӣ дарҷ гардидаанд. Мураттибони Куллиёт ба шеърҳои Фонии Кашмирӣ даст назадаанд, яъне онҳоро аз монографияи устод хориҷ накардаанд, ки ин рафтор дуруст аст. Олимони таърихи адабиёти тоҷик ин масъаларо тадқиқу таҳқиқ ва ҳадди осори Навоӣ ва Фонии Кашмириро ба таври илмӣ равшан хоҳанд намуд.

Як қисмати муҳимми китобро мақола ва сарсуханҳои Садриддин Айнӣ (саҳ. 167-264) ташкил мекунанд. Ин қисмат аз 10 мақолаи хурду калон ва 5 сарсухану охирсухан иборат аст. Устод С. Айнӣ дар ин асарҳои гуногуни худ ба соҳаҳои мухталифи таърихи

адабиёт (мақолаҳои доир ба Абуалӣ Сино, Камоли Хуҷандӣ, Алишер Навоӣ ва ғ.) танқиди адабӣ («Ҷавоб ё ин ки мусоҳаба», “Ҷавоби ман...”) ва ҳоказо баҳс мекунад.

Алалхусус, мақолаи «Ҷавоби ман» барои омӯхтани рӯҳияи танқиди адабии солҳои сийӯм ҷолиби диққат аст.

Тартибдиҳандагони китоб ба он тавзеҳоти муфассале илова намудаанд, ки ин барои хонандагон хеле муфид аст. Дар тавзеҳот баъзе калимаву истилоҳҳои мураккаб шарҳ дода шудаанд: дар хусуси асарҳо ва шоирону олимон, ки дар матнҳои китоб дучор мешаванд, инчунин дар бораи асарҳои худи устод Садриддин Айнӣ (ба истиснои мақолаи “Падари тарбиятгари адабиёти советӣ”, саҳ. 249 - 253) маълумоти мухтасар дода шудааст.

Дар китоб суратҳои устод С. Айнӣ, шоирону олимон, мақбараҳои бузургон, акси дастхатҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо ҷой дода шудааст, ки миқдоран ба 29 мерасад.

Ҳарчанд камбудии ҷузъист, бояд гуфт, ки дар китоб баъзе калимаҳо шаклан нодуруст чоп шудаанд. Масалан:

1. “Надидам **сарафрози** бахшандае (?)
Ба гоҳи ҳаёт-бар дурахшандае”
(саҳ. 21).
2. «Ки ҳамвора корам ба хуби равон
Ҳамедошт он марди **равшанравон**”
(саҳ. 25).
3. “Сари бадраҳон **куҳан** баста шуд.
В-аз он банд равшандилам хаста шуд”.
(саҳ. 25).

Чунон ки хонандаи мӯҳтарам мебинад, дар байти аввал шоир сарфароз нею «сарафроз», дар мисоли сейум кӯҳан нею куҳан гуфтааст (зеро инро вазни шеър талаб мекунад): дар байти дуйум

бошад, ба ҷои “равшанравон”, “рашанравон” дарҷ гардидааст. Чунин ҳолатро дар саҳифаҳои 40 (неку-некӯ), 49 (бархрӯшид-бархурӯшид), 39, 42 (Тус-Тӯс), 73 (Абуалӣ - Абӯалӣ), 72 (суиқасд - сӯиқасд), 74 (дарин - дар ин), 84 (вақеъ-воқеъ), 86 (Абӯлҳусайн - Абулҳусайн), 121, 175 (кӯҳансол, кӯҳансолон - куҳансол, куҳансолон), 456 (болои дигар - балои дигар), 488 (Фаёзӣ-Файёзӣ), 491 (Убаҳӣ-Ӯбаҳӣ) ва ғайраҳо дидан мумкин аст. Аз саҳлангории мусаҳҳеҳ ин сон нуқсонҳо рӯй додаанд.

Дар саҳ. 78 низ ибораи “дар шароити Ҳукумати Советӣ”-ро бо ифодаи “дар шароити Ҳокимияти Советӣ” иваз кардан лозим буд.

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ.**
**аспиранти УДТ ба номи В. И. Ленин.**